**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед Исроилович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муҳиме бахшида шудааст, ки ҳадафи асосиаш самараноку оқилона истофода бурдани ҳар як қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ мебошад. Паҳлуҳои назариявии тадқиқоти мазкур аз ҷониби олимону муҳаққиони соҳа мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирфтааст, аммо дар замони муосир, ки пайваста тағйирёбанда мебошад, қисме аз ин масъалаҳои, ҳамчун масъалаҳои муҳим ва ҳалталаб боқӣ мондааст.

Тадқиқоти диссертатсионии Фархудинов Ҷамшед аз тадқиқотҳои монанд ба он фарқ мекунад, ки паҳлуҳои нозук ва алоҳидаи шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ки айни замон дар танзими муомилоти маданӣ аҳамияти хосаро касб кардааст, муҳим арзёбӣ гардидааст.

Сохтори диссертатсия аз фаеҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқотро фаро гирифтааст.

Муаллиф тавонистааст, ки мавзӯи тадқиқотро бо пайдарҳамии таърихи инкишофи қонунгузории соҳа, нақши институти мазкур дар рушди иқтисодиёти миллӣ, хусусиятҳои муҳиму нозуки масъалаи мазкурро бо такя ба сарчашмаҳои муътабари халқу кишварҳои гуногун, санадҳои меъёрии

ҳуқуқии байналмилалӣ аз нигоҳи таърихи, назариявӣ ва соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ баҳо диҳад, ки бешубҳа барои илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон, бахусус илми ҳуқуқи маданӣ, молиявӣ ва кишоварзӣ саҳми назаррас дорад. Бо анҷом додани таҳқиқот, муаллиф собит намудааст, ки омӯзиши мазкур на танҳо барои дарки раванди таърихи пайдоиши меъёрҳои қонунгузории соҳа, балки барои идомаи минбаъдаи рушди меъёрҳои ҳуқуқ аҳамияти муҳим дорад.

Дар ин ҷода муаллиф омӯзиши паҳлуҳои алоҳидаи масъалаи мазкурро таҳлил намуда, собит менамояд, ки бо мақсади нисбатан фарохтар фаро гирифтани суғуртакунӣ дар соҳаи кишоварзӣ, зарурияти қабул намудани санади меъёрии ҳуқуқии махсус ба миён омадааст. Ин иқдом дар рушди низоми ҳуқуқи Тоҷикистон беназир ва саривақтӣ мебошад.

Муаллиф дуруст, қайд менамояд, ки айни замон қисме аз молу мулки хоҷагиҳои кишоварзӣ суғурта карда мешавад, аммо заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ки иҷрои яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар аз он сахт вобаста мебошад, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ меъёри муайян мавҷуд намебошад.

Натиҷаҳои тадқиқоти бадастовардаи муаллиф аз он далолат медиҳад, ки тадқиқот ба таҳлили объективона ва ҳамаҷонибаи таҳқиқоти назариявию амалӣ бо паҳлуҳои гуногуни институти суғуртакунӣ дар муомилоти маданӣ, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм қабулгардида, муайян намудани он, таҳияи афкору тавсияҳои назариявию амалии рисоланавис, навоварии илмӣ ва тавсияҳо, қонунгузории миллӣ ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар муносибатҳои маданӣ истифода карда мешаванд.

Дар диссертатсия якчанд, масъалаҳои баҳснок ба назар мерасад, аз ҷумла муаллиф ҳангоми таҳлили масъалаҳои суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба масъалаи тарификатсия минтақҳои замин, ки барои баҳогузории хавфи сар задани ҳодиса аҳамияти муҳим дорад, дар матни автореферат кам ба назар мерасад. Омӯзиши ин амалия метавонад барои самаранок истифода бурдани таҷрибаи татбиқи муносибатҳои суғуртавӣ дар

муомилоти маданӣ, муосидат намояд. Лекин ҳолати қайдгардида арзиши таҳқиқоти анҷомдодашударо коста намегардонад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Фарходинов Ҷамшед дар фазои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахсутин таҳқиқоти илмии анҷомёфтае буда, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, дар он масъалаҳои назариявӣ-амалии муносибатҳои суғуртавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст ва унвонҷуй сазовори ба ӯ дода шудани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

**Дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ**
**ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии**
**Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Каримов А.Қ.**

**Имзои Каримов А.Қ.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ**
**ва корҳои махсуси Академияи идоракунии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ғаюров Ф.З.**

17.05.2024

**Суроға: 734003 ш.Душанбе**
**куч. Саид Носир 33**
**тел: (37) 224-17-86, email: info@apa.tj.**